# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 – и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

Комиссия экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи « Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 аз 19.09.2025, суратсаҷлиси №1 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович** – узви шуро, доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси (6D020303 – Таърихнигорӣ, махазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) – раиси комиссия;
2. **Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич** – номзади илмҳои таърих, и.в., дотсенти кафедраи фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯи ихтисоси (6D020301– Таърихи ватанӣ) – узви комиссия;
3. **Фирдавси Абдулҳамид** – номзади илмҳои таърих, сардори Шуъбаи таърихи нав ва навтарини МД «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) – узви комиссия;

Комиссияи экспертӣ тадқиқоти диссертатсионии Якубшоев А.Х. - ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич ба омӯзиши масъалаи муҳими илмӣ ва назариявии таҳқиқот дар муайянкунии хусусиятҳо ва шаклҳои рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият инъикос мегардад. Раванди дигаргуниҳо дар соҳаи фарҳанг мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки мушкилот ва норасоиҳо дар рафти амалисозии ислоҳоти ба вуҷуд омада нишон дода шудаанд ва рушди санъати театрӣ муайян карда шуда, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст, ки аҳаммияти илмӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мавзуи мазкур барои истифодабарӣ аз таҷрибаи таърихӣ дар интихоби роҳи дуруст ва рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Аҳамияти омӯзиши мавзуъ бошад, дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти фарҳангии кишвар агарчӣ таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом дода шуда бошанд ҳам, вале дар онҳо паҳлуҳои алоҳидаи он таҳқиқ шудааст, бино бар он то ба имрӯз рисолаи муаллиф, ки онҳоро пурра дар бар гирад, вуҷуд надошт ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳкиқоти мазкур то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» мубрам буда, доираи васеи сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро фарогир мебошад, ки диссертатсияи мазкур дар ин самт таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)

мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси** 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 7 адади он мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чопрасида ташкил медиҳад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф асосноккамоии назариявӣ-методологӣ ва санҷишиву таҷрибавии истифодаи васеи маводҳои бойгонӣ, нашрияҳои давриву маводҳои электронӣ дар тайёр намудани бакалаврҳои ихтисосҳои фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Эътимоднокии** натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашударо мукаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисолаҳо таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (6D020301 – Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60- и

Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихи ватанӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд. Рушд додани таълими фанҳои таърих ва таърихгигорӣ, ки дар ҷумҳурӣ мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамоянд.

3. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Абдуллоев Махмуд Холович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халлқи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва **Амроев Умедҷон Мамадхонович -** номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи А. Сино.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия **МДТ** «Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ» тавсия дода шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих **Муҳиддинов С.Р.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Қурбонов М.М**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих, **Фирдавси Абдулҳамид**

*Имзоҳои д.и.т., Муҳиддинов С.Р., н.и.т., Қурбонов М.М., н.и.т., Фирдавси А.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

«_9_»_10_соли 2025